# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст – Душанбе, 2026. – 185 саҳ.**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия бо ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, аз рӯи мундариҷа, мавзуъ ва самти илмии худ ба хусусиятҳои ихтисоси академӣ пурра мувофиқат мекунад.

2. **Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола бо фалокатҳои ҷиддии табиӣ ва техногенӣ, аз қабили, заминларза, обхезӣ, ярч, тармафаромӣ, сангрезӣ, садамаҳои нақлиётӣ, сӯхтор ва ғайра рӯ ба рӯ гардида, ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ мерасад. Бинобар дар масири хатҳои шикастаи сейсмикӣ қарор доштани кишвар, тибқи маълумоти коршиносони соҳа, эҳтимолияти дар ҳудуди 50% ҷумҳурӣ рух додани заминларзаҳои 9-балла, дар ҳудуди 38% заминларзаҳои то 8-балла ва дар ҳудуди 12% он заминларзаҳои то 7-балла имконпазир буда, оқибатҳои солонаи заминларзаҳои амплитудаҳои гуногун ба хоҷагии халқ ва сокинони

кишвар зарари назарраси моддӣ расонида, баъзан боиси талафоти ҷонӣ мегарданд. Инчунин, дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ҳамасола дар ҳудуди ҷумҳурӣ то 1200 ҳолатҳои фавқулода рух дода, боиси хисороти калони молӣ ва талафоти инсонӣ мегардад. Тибқи тадқиқоти Институти муҳити зист ва бехатарии инсони СММ бошад, вобаста осебпазирии кишварҳо оид ба тағйирёбии иқлим, Тоҷикистон дар байни 173 давлат мақоми 97-умро ишғол мекунад.

Таҳлили адабиёт, маъхазҳои илмӣ ва таҷрибаи гузаштаву имрӯзаи мақомоти салоҳиятдори давлатӣ вобаста ба пешгирӣ рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, аз ҷумла, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳифзи шахрвандон ва моликияти онҳо дар чунин ҳолатҳо собит месозад, ки маҳз омодагии касбӣ ва истифодаи самараноку саривақтии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва қувваю воситаҳои дигар сохторҳои дахлдори давлатӣ метавонанд барои пешгирӣ ва рафъи фаврии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода мусоидат намоянд.

Таҳдидҳои болозикр тақозо менамоянд, ки шаклу усулҳои муосири вокунишии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ рӯйи кор оварда шаванд, зеро дар шароити имрӯза сохтори ташкилии низоми идоракунии ҷузъу томи мақомоти давлатӣ низ ба азнавсозӣ ва бартараф кардани такроршавии функсияҳои онҳоро дар ин самт тақозо менамоянд.

Илова ба ин, бо мақсади тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти милитсия ҳамчун ҷузъи Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ мукаммал сохтани чорабиниҳои аҳаммияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва илмидошта аз аҳаммият холӣ нест. Рисолаи диссертатсионии тақризшаванда на танҳо фарогири масоили мубрам вобаста ба ташкил ва идоракунии ҷузъу томи мақомоти милитсия дар ҳолатҳои фавқулода мебошад, балки масъалаи ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро бо дигар субъетони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи

дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ бо таври фаррох дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулоса ва дигар натиҷаҳои илмии таҳқиқот барои фаъолияти амалии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ манфиатпазир буда, мубраммӣ ва аҳаммияти таҳқиқи илмии мавзуи диссертатсия раднопазир аст. Натиҷаҳои рисола барои пурра гардонидани норасогиҳои назариявӣ ва меъёрии мавҷуда нигаронида шудааст ва ба ниёзҳои кунунии рушди қонунгузории соҳавӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ ҷавобгӯй мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он аввалин таҳқиқоти илмии ҳамаҷониба ва системавӣ дар соҳаи илм ва фаъолияти ҳифзиҳуқуқии кишвар ҷиҳати ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар шароити муосир анҷом дода шудааст.

Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мавриди пажуҳиши комплексӣ қарор гирифта, баъзе холигии қонунгузорӣ ва мушкилоти сохтори ташкилии низоми идоракунии мақомоти давлатӣ муайян карда шудаанд, ва аз ҳама муҳим, роҳҳои мукаммалгардонии асосҳои ташкилии идоракунии ниҳодҳои масъули давлатӣ дар ин самт пешниҳод шудаанд.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусияти системавӣ дошта, дар асоси методологияи комили илмӣ бунёд ва асоснок карда шудаанд. Онҳо заминаҳои назариявӣ ва ташкилии идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатиро вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ таъвият мебахшанд. Аз ҷумла, консепсияи муаллиф **ҷ**иҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ҳолатҳои

фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ дар самтҳои зерин, дорои аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошанд:

– таҳлил ва арзёбии воқеии ҳолатҳои фавкулода, вазъи ташкил ва фаъолияти муштараки қувваҳо ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла, самтҳои баланд бардоштани самаранокии чунин фаъолият;

– муайян намудани вазифаҳоии асосии мақомоти корҳои дохилӣ дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавкулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

– тартиби созмон додан ва истифодабарии гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи мақомоти корҳои дохилӣ дар минтақаи ҳолати фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– таъмини ҳуқуқии фаъолияти гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– навсозии фаъолият ва тақвияти имкониятҳои гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии мақомоти корҳои дохилӣ;

– муайян кардани принсипҳои асосӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо, уҳдадориҳо ва сохтори чунин гурӯҳи муттаҳидкардашуда;

– таҳияи усулҳои муосир ва муайян кардани хусусиятҳои ташкили муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ байни субъектҳои иштирокчии Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавкулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

– таъмини омодагии қувва ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ ва азнавсозии ҷузъу томи мақомоти мазкур барои фаъолият дар ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ.

Аз ин рӯ, сатҳи навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро бояд баланд арзёбӣ кард. Зеро диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло як самти мустақили таҳлили илмиро дар соҳаи ҳифзиҳуқуқии кишвар муқаррар сохта, бо аслияти хулосаҳои назариявии худ фарқ мекунад ва пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи дорои аҳаммияти

амалии назаррасро барои рушди минбаъдаи илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳавӣ дар бар мегирад.

**Сатҳи таҳқиқоти мавзуъ.** Масъалаи ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ҳамчун илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол кам омухта шудааст. Тадқиқотҳои илмии мавҷуда ототан ба ҷанбаҳои алоҳидаи ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти иҷтимоидошта ва ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар субъектон дар муқовимат ба ҷинояткорӣ, танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ҳамкории милитсия бо ҷомеа нигаронида шудаанд. Гузашта аз ин, масоили ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар қувваю воситаҳои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар партави ислоҳоти милитсия дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода нашудааст.

Бояд зикр намуд, ки тадқиқоти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда, бахусус, моделҳои намунавии ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз ҷониби олимону мутахассисони давлатҳои хориҷӣ нисбат ба намояндагони илми ватанӣ дар пешрафт қарор дорад. Аз ин рӯ, вазъи ҷойдошта воқеан тақозо менамояд, ки мавзуи мазкур дар асоси таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монда шавад, аммо, равишҳои таҳияшудаи онҳо низ наметавонанд мустақиман дар низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни мутобиқсозии мувофиқ ба шароити кишвари мо татбиқ карда шаванд.

Дар ин робита, тадқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло бо пешниҳоди таҳлили ҳамаҷониба ва системавии асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва

дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ норасогии илмии мавҷударо дар сатҳи зарурӣ пурра месозад. Аз ин лиҳоз, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ намудани таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мувофиқи мақсад мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисола ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат менамояд. Рисола аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт, рӯйхати корҳои илмии номзад ва замимаҳо иборат аст. Бобҳо ва зербобҳои он дорои пайдарҳамии мантиқӣ буда, хулоса ва пешниҳодҳои ҳосилшуда бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд ва дар маҷмуъ фарогири масоили мушаххаси назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ ҳастанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 185 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима муаллиф мавзуи рисола ва дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуи илмӣ, мақсад, вазифа, объект, мавзуъ, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ-методологӣ ва заминаҳои меъёрӣ, эмпирикӣ, навгониҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро баён намудааст. Ҳамчунин, дар ин қисмати диссертатсия аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи рисола, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян шудааст.

Боби аввали рисола ба баррасии асосҳои назариявии ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бахшида шуда, бар асоси таҳлили амиқ таърифҳои муаллифии мафҳумҳои соҳавӣ аз қабили “ҳолатҳои фавқулода”, “вазъияти фавқулода”, “шароитҳои махсус”, “сохтори ташкилӣ” ва дигар истилоҳоти ҳуқуқии бо онҳо алоқаманд ҳосил шудаанд, ки заминаҳои консептуалии ташкили идоракунии мақомоти салоҳиятдори давлатиро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ташкил медиҳанд.

Дар боби дуюми диссертатсия бошад, диққати асосӣ ба танзими ҳуқуқии асосҳои ташкилии идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ матраҳ гардидааст. Дар он нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ташкили пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории он бо дигар мақомоти давлатӣ ва таҷрибаи мақомоти корҳои дохилии мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ин самт баррасӣ гардида, мушкилоти асосии танзими ҳуқуқӣ ва амалияи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ муайян ва роҳҳои ҳалли имконпазир таҳлил ва пешниҳод карда мешаванд.

Боби сеюми диссертатсия ба мукаммалсозии асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ бахшида шуда, дурнамои такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ муайян карда шудааст. Дар боби мазкур мушкилоти дар рафти таҳқиқот муайяншуда ба низом даровarda шуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда таҳия гардидаанд, ки ба бартараф намудани камбудиҳои танзими ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамоянд.

Дар бахши ниҳоии диссертатсия натиҷаҳои тадқиқот дар ҳамаи бобҳо ҷамъбаст гардида, хулоса ва тавсияҳои амалии барои рушди минбаъдаи илмӣ ва соҳаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ мувофиқ таҳия шудаанд. Хулоса ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда натиҷаи таҳқиқоти бобҳои диссертатсия буда, метавонанд дар бартараф намудани мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ истифода гарданд.

Ҳамин тавр, сохтори диссертатсия бо ҳамоҳангии мантиқии дохилӣ тавсиф гардида, ба пуррагӣ бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад ва навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии онро ба таври кофӣ инъикос менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола.** Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва дигар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ташкил менамоянд, ки фаҳмиши илмиро дар бораи шакл, усул ва тартиби омодасозӣ ва истифодабарии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ равшан месозад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд барои бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда дар доктринаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд ва барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа заминаи назариявиро фароҳам оранд.

Аҳаммияти амалии ин кор дар татбиқи эҳтимолии хулоса, тавсияҳои амалӣ ва пешниҳодҳо ба такмили қонунгузорӣ, дар фаъолияти амалӣ оид ба идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, такмили қонунгузории соҳавии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, омода кардани маводи таълимӣ ва дар раванди таълим дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои олии таълимӣ, бахусус, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар тақвият бахшидани самаранокии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ва ҳарчи бештар эмин доштани ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон ва молу мулки онҳо дар чунин ҳолатҳо собит мегардад. Инчунин, консепсияи муаллиф вобаста ба омодагии касбии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, пеш аз ҳама ба он равона карда

шудааст, ки онҳо бояд бо камтарин масрафи қувва ва воситаҳо дар камтарин муҳлат ба вокуниши саривақтӣ ва самаранок дар ҳолатҳои фавқулода омода бошанд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур бо таваҷҷӯҳи он ба таъмини ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон, эҳёи ҷомеаи бехатар, кафолати таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои давлатӣ, бахусус, дар самти фаъолияти ҳифзиҳуқуқии давлат, баланд бардоштани сифати иҷрои талаботи қонунгузорӣ ва эътимоди ҷомеа ба мақомоти корҳои дохилӣ, муайян карда мешавад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи диссертатсия.** Дар мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр гардидааст. Мақолаҳои мазкур ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсиониро фарогир буда, дар семинару конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди муҳокима ва баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», аз рӯйи мундариҷа, сатҳи тадқиқоти илмӣ, сохтор ва пешниҳодҳои манзургашта ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферати рисола дар асоси талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, таълиф шудааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Сарфи назар аз аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар он баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ва нуктаҳои мубоҳисавӣ ҷойгузинанд. Аммо, онҳо сатҳу сифати умумии илмии таҳқиқотро паст намекунанд, балки барои таҳқиқоти минбаъда метавонанд манфиатпазир бошанд.

**1.** Муаллиф дар зербоби 2-юми боби 2-юм дар саҳифаи 86 зикр менамояд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравии МКД вазифаҳо (функсияҳо)-и иловагии ҷузъу томи он дар ҳолатҳои фавқулода мушаххасан дарҷ нагардидаанд, зеро онҳо моҳиятан дар асоси қарорҳои таъхирнопазири комиссияҳои ҳолатҳои фавқулода муқаррар карда мешаванд. Чунки вазифаҳои ғайриоддӣ ногаҳон ба вуҷуд меоянд ва нисбат ба иҷрои вазифаҳои (функсияҳои) муқаррарӣ (ҳаррӯза) ва иловагӣ афзалият пайдо менамоянд. Чунин назари муаалиф, албатта, сазовори эътироф ва пазироист, аммо пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли масъалаҳои "ғайриоддӣ" манзур нагардидаанд ва мазмуну моҳияти онҳо бо пуррагӣ кушода нашудаанд, ки асосноккунии иловагиро ҳангоми ҳимояи ошкоро тақозо менамоянд;

**2.** Дар хулосабандиҳои зербоби 3-юми боби 2-юм дар саҳифаи 104 рисола, муаалиф дарҷ менамояд, ки бо мақсади фаъолияти пурсамар ва мақсаднок, бояд нақшаҳои амалиёти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулода бо дигар мақомоти идоравии ҳудудӣ мувофиқа карда шуда, пешакӣ таклифҳоро оид ба ҳама гуна таъминот ҳангоми амалиёти қувваю воситаҳо, таҷҳизот ва техника, гирифтани иҷозатномаҳо барои истифодаи биноҳо дар ҳолати эвакуатсия ба минтақаи беруназшаҳрӣ тарҳрезӣ менамояд. Савол ба миён меояд, ки "Оё чунин нақшаҳо айни замон вуҷуд надоранд?" ва чунин таклифи муаллиф бар асоси кадом далелҳо рӯйи кор омадааст;

**3.** Дар зербоби 1-юми боби 3-юм дар саҳифаи 130 таъкид мегардад, ки машқҳои ситодӣ-фармондеҳӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳамоҳангии фаъолият ва самаранокии кори роҳбарони гурӯҳҳои функсионалӣ, мақомоти идоракунии гурӯҳи қувва ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ, пайдо кардани малакаҳои ташкили ҳамкориҳо ва фаъолияти оперативӣ-хизматӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ амалӣ карда мешавад.

Аммо, дар рисола мисолҳо аз таҷрибаи амалӣ вобаста ба гузаронидани чунин машқҳои ситодӣ-фармондеҳӣ бо таври кофӣ нишон дода нашудаанд, ки тақвияти мавқеи муаллифро вобаста ба масъалаи мазкур талаб менамояд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида хусусияти мубоҳисавӣ дошта, дар маҷмуъ ба арзиши илмии диссертатсия таъсиргузор нестанд ва танҳо метавонанд аз ҷониби муаллиф барои беҳбудии таҳқиқоти минбаъда дар ҳамин самт ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, рисолаи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, дорои сатҳи комили илмӣ ва методологӣ буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Муқаррizи расмӣ:

Мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати

прокурории факултети ҳуқуқшиносии

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Маҳмудов И.Т.

«20» 08 2026 с.

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 735000 (ш. Душанбе, кӯчаи Буни ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 5, утоки корӣ 512, 518. Телефон: 935-04-43-52, E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru

Имзои “Маҳмудов И.Т.”-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«21» 08 2026 с.

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 734025 (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (372) 21-77-11, E-mail: **info@uef.tnu.tj**